**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.**

«18» 12 с.2023 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия таалluқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиётӣ дахл доранд, ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии кишвар мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар ташкили фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва танзими фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранда, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба такмили ташкили фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри 2022 № 268/ш.д ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи доктории Бобозода Комил Олимҷон дода шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 41 кори илмӣ, аз он ҷумла, 26 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Бобозода Комил Олимҷон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Бобозода Комил Олимҷон маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ пешниҳод шудааст,барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарраротӣ расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Раҷабов Раҷаб Кучакович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Самандарзода Искандар Ҳусейн -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишогҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**Асрорзода Убайдулло Саттор -** доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ таъин карда шавад.

4. Дар ҷаласаи мазкур вазифаи котиби илмии Шурои диссертатсионӣ ба зиммаи Шарифзода Б.М. гузошта шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисодиёти ҷаҳонии ДСРТ — Комилов С.Ҷ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ — Хоҷаев П.Д.

*Имзоҳои С.Ҷ. Комилов, Б.М. Шарифзода ва П.Д. Хоҷаев-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ — Қурбонов Э.Т.

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ... ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ